**Бузургдошти модар ва эхтирому кадрдонии захматхои ӯ карзи хар як инсони бо нангу номус аст.** ***Эмомалӣ Рахмон***

Модар ягона мавчудотест, ки инсон меофарад, ба ӯ хаёт мебахшад. Ӯро дар огӯши гарму пурмехри худ мепарварад. Аввалин суханхо ва гузоштани нахустин кадамхоро ба тифлаш ёд медихад, фарзанди хешро бо хазор нияту орзухои нек ба воя мерасонад. Дар замири фарзанд тарбия кардани эхсоси садокату самимият, некию накӯкорӣ, хайру саховат ва ташаккули маънавии наслхо натичаи захмати шабонарӯзии модарони мушфику гамхор ва мӯнису мехрубон мебошад.

Вокеан, мо дар зиндагӣ хеч гох наметавонем мухаббатеро бехтар ва хакикиву самимитар аз мухаббати модари худ дарёбем. Аз ин рӯ, модар на танхо азизтарин шахс барои хар як фарзанд аст, балки гаронбахотарин сарвати хар як халку миллат мебошад. Дар яке аз ривоятхои кухан омадааст, ки «Атр аз гул, нӯш аз шахд, шодобӣ аз бахор, риккат аз абр, мехр аз офтоб ва зиндагӣ аз замин бардошта, хамаро бо якдигар омехта, зан офаридаанд, то зудояндаи гамхо ва афзояндаи шодиву нишоти мардум бошад».

Модар аввалин мурраббии башарият аст ва тарбияи инсон аз домони поки ӯ огоз мешавад. Зан мураббии инсон аст, аммо на мураббӣ ва муаллиме, ки факат сухан гӯяд, балки хамчун модар тамоми хислатхои неки инсониро ба кудак ба таври табиӣ интикол медихад. Рафтору ахлоки модар дар сифати сирату сурати фарзанд таъсири бевосита мегузорад. Махз модар дар калби фарзандон тухми мехру мухаббат, дӯстиву рафокат ва некиву накӯкориро мекорад, то оянда насли наврас масъулиятшиносу мехнаткарин бошад, ободкору инсондӯст ва ватанпарвар ба камол расад. Бузургони гузаштаи адабу фарханги мо бо дарназардошти ин нуктаи нихоят мухим гуфтаанд, ки «Як модари хуб ба сад устод ва омӯзгор меарзад». Зане, ки сохибмаърифату сохибхунар аст, ба масъалаи пешбурди хадафхои чомеа низ эхтироми хос мегузорад, ба ин хотир, ки дар раванди созандагӣ ширкат дорад ва ва худ дар сохтани ин чомеа сахмгузор аст.

Зан хамчун шахси фархангсозу тарбияткунанда агар худ аз вокеияти хаёт ва чомеа огоху бохабар бошад, фарзандон, ахли оила ва пайвандони худро тарзе тарбият мекунад, ки онхо баробари чомеаи пешрафта кадам ниханд.

Бо назардошти ин, Хукумати Чумхурии Точикистон ханӯз аз огози истиклол ба масъалахои марбут ба занон эътибори махсус дода, то имрӯз чандин санади меъёриву хукукии заруриро ба тавсиб расонидааст. Санадхои кабулшуда ба тахкими макоми зан дар чомеа, таъмини риояи хукуку озодихои занон, кафолатхои давлатии баробархукукии мардону занон ва имкониятхои баробари амалгардонии онхо, вусъат додани имконияти иштироки  фаъоли онхо дар тамоми бахшхои сиёсӣ, ичтимоӣ ва фархангии кишварамон мусоидат менамоянд. Аз чумла, Фармони Президенти Чумхурии Точикистон «Дар бораи тадбирхои баланд бардоштани макоми зан дар чомеа» ва Конуни Чумхури Точикистон “Дар бораи кафолатхои давлатии баробархукукии мардон ва занон ва имкониятхои баробари амалигардонии онхо» ва дигар аз мухимтарин санадхое мебошанд, ки барои бехтар гардидани вазъи ичтимоии занходар чомеаи кишвар накши бориз мебозанд. Ин санадхо нишондихандаи дастгирихои давлат дар самти хавасмандгардонии занхо ва чалби васеи онхо ба корхои идоракунӣ мебошад, ки баъди кабули он имтиёзхои муайян бахри васеъшавии фаъолнокии сиёсии занон амалӣ гашт.

Пешвои муаззами миллат иброз доштанд, ки “мову шумо нафакат дар як Рӯзи модар, яъне 8- уми март, балки бояд хамеша ва доимо нисбат ба модарону хохарону духтарони худ гамхору мехрубон бошем. Бовар дорам, ки модарону духтарони арчманди мо минбаъд низ дар риояи мукарраароти конунхои Чумхурии Точикистон “Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим”, “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, ба хаёти мустакилона омода намудани фарзандон, рушди хунархои мардумӣ ва бехтар гардидани зиндагии хар як оилаи мамлакат накши арзишманди худро мегузоранд”.

Занону модарони мо метавонанд дар ин раванд низ яке аз куввахои пешбарандаи чомеа бошанд.  Онхо инчунин метавонанд дар тахкими вахдати миллӣ, хифзи сулху суботи сиёсӣ ва фархангӣ ва пешбурди сиёсати пешгирифтаи давлат ва Хукумати Чумхурии Точикистон  накши бузург бозанд. Занону модарони точик дар тӯли таърихи чандинхазорсолаи халкамон хамеша чароги пурфурӯги хонавода, манбаи мехр, мазхари ишку зебоӣ, намоишгари покӣ, намунаи олии мехрубонӣ ва чашмаи хушкнашавандаи хаёт буданд. Бузургони илму адаб занро шохкории табиат ва точи офариниш донистаанд. Сарчашма ва сарогози хар кори бузург Зан –Модар мебошад. Мехру мухаббати занони точик аз каъри асрхо сарчашма гирифта, бо тору пуди чашни бузурги миллиамон –Наврӯз омезиш ёфта, ба гулхои хамешабахори Точикистон мубаддал ёфтаанд. Зеро зан ва гул чахонро зебоӣ мебахшанд.

Аз ин рӯ, суханхои рахнамунсозу хикматомӯзи Сарвари давлат бояд дастури рӯйимизии хар як хонадон ва ташкилоту муассиса бошад. Шарт ва зарур аст, ки кабл аз хама мо, модарон, чунин нуктахои инсонпарваронаро гаштаю баргашта мутолиа намоем, омӯзем ва дар хаёти харрӯзаамон татбик намоем: «Накш ва макоми зан дар хамаи давру замонхо дар хаёти чомеаи башарӣ хамчун офарандаи хаёт, пайвандгари наслхо ва низомбахши рӯзгор нихоят бузург аст. Гузашта аз ин, зан-модар мураббии ахли башар ва нахустустоди инсон мебошад. Накши модар махсусан дар тарбия, омӯхтани забон, таърихи фарханг, донишхои муосир ва умуман, камолоти маънавию ахлокии фарзанд барчаста ва хатто муайянкунанда мебошад”.

Пас, занону модарон бояд тавре  кору зиндагӣ кунанд, ки рисолати модариро сарбаландона ба чо оварда, бо рафтору гуфтор ва хизматхои софдилонаи худ ба боварию эътимоди Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон сазовор бошанд.

***Шоиста Исматзода* - ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва**
*мардумшиносии*
*ба*
*номи*
*А. Дониши*
*Академияи миллии илмхои*
*Точикистон*